**Протоколи № 9 аз 23.04.21**

**маҷлиси васеи кафедраи адабиёти классикии тоҷик**

Иштирок доштанд: мудири кафедраи адабиёти классикии тоҷик, номзади илми филология, дотсент Мавҷуда Ӯрунова, доктори илми филология Тоҷибой Султонӣ номзадони илми филология, дотсентон Садриддин Мирзоев, Шарифҷон Тоҷибоев, Саидумрон Саидов, Мавлуда Неъматова, Мухлиса Нуруллоева, Сорбон Азизов, Абдуфаттоҳ Ҳоҷиев, Шодиқул Шарифов, Муътабар Бобоева ва роҳбари илмӣ – доктори илми филология Нуралӣ Нуров.

**Рӯзномаи маҷлис:**

Баррасии диссертатсияи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна дар мавзуи «Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403– Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ).

Ҷаласаи муҳокимаи диссертатсияро мудири кафедраи адабиёти классикии тоҷик, номзади илми филология, дотсент М.Ӯрунова ифтитоҳ намуда, ҳозиринро бо рӯзномаи маҷлис ошно кард. Сипас, сухан ба докторант Ҳомидова Шамсия дода шуд. Рисоланавис муҳимтарин нуктаҳои рисоларо баён намуд.

Бино ба таъкиди муаллифи рисола таҳқиқи ҷойгоҳи шуарои ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX зарур буда, он барои баррасии муҳимтарин вежагиҳои ашъори суханварони ин ҳавза, вазъи адабӣ, анъанаҳои шеъри классикии тоҷикӣ ва ҷойгоҳи

шуарои ин аҳд дар рушди шеъри тоҷикӣ заминаи муфид фароҳам меоварад. Ба таври фишурда докторант нуктаҳои муҳимми рисолаи хешро баён кард. Ӯ қайд намуд, ки вежагиҳои муҳимми ашъори шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд, аз ҷумла осори шоирони давраи мавриди таҳқиқ аз ҷумлаи масъалаҳои ба таври зарурӣ омӯхтанашудаи адабиётшиносии мо боқӣ монда, баррасии он барои шинохти бештари ин ҳавзаи адабӣ ва мақоми суханварони он дар рушди адабиёти тоҷик мусоидат хоҳад кард. Агарчи баррасии рӯзгору осор ва вежагиҳои муҳимми ашъори намояндагони ҷудогонаи адабиёти ин давр дар рисолаву мақолаҳои У.Каримов, Э.Шодиев, К.Ёқубӣ, Ҷ.Хӯҷаев, М.Неъматова, С.Тилабов, Б.Раҳматов, Б.Ҳайдарова ва дигарон ба таври алоҳида таҳқиқ шудаанд, вале ба назар мерасад, ки ҳанӯз муҳимтарин хусусиятҳои ташаккули ҳавзаи адабии Хуҷанд, робитаҳои адабии шоирони давр ва дигар ҷанбаҳои муҳимми мавзуиву ҳунарии ашъори онҳо ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст. Таҳия ва таълифи «Тазкираи шуарои Хуҷанд» аз ҷониби донишманди соҳибноми тоҷик, профессор А.Насриддин барои анҷоми як таҳқиқоти комил дар бораи ҳавзаи адабии Хуҷанд дар давраи мавриди назари мо заминаҳои мусоид фароҳам меоварад.

Ҳадафҳои таълифи рисола аз баррасӣ ва таҳқиқи мушаххаси масъалаҳои зерин иборат аст, ки барои ҳаллу фасли пурраи мавзуъ анҷоми корҳои зерин мусоидат мекунад:

– баррасӣ ва таҳқиқи мухтасари авзои адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX ва ҷойгоҳи шуарои номвари ин аҳд дар адабиёти тоҷик;

– муайян намудани шеваҳои идомаи суннатҳои шеъри классикии форсии тоҷикӣ дар ҳавзаи адабии Хуҷанд;

– таҳқиқ дар ҷараёнҳои муҳимтарини адабӣ дар ин давра;

– идомаи суннатҳои адабии Бедил ва ҷойгоҳи шоирони пайрави ӯ дар миёни адибони ҳавзаи адабии Хуҷанд;

– баррасии мавзуъ, мундариҷа ва таркиби мероси адабии шоирон;

– пажуҳише дар сабки таълиф ва вежагиҳои ҳунарии ашъори шуарои хуҷандӣ;

– адибони зуллисонайн ва бардошти онҳо аз шуарои форс-тоҷик;

– рушди анвои шеъри форсӣ дар доираи адабии Хуҷанд;

–шеваи бозгашти адабӣ ва унсурҳои он дар таркиби ашъори шоирони ин давраи адабиёти ҳавзаи адабии Хуҷанд ва ғайра.

Сарчашмаҳои асосии таҳқиқ дар рисолаи мо «Маҷмуат-уш-шуаро»-и Фазлии Намангонӣ, «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Мирсиддиқхони Ҳашмат, «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод Садриддин Айнӣ, «Армуғони Саббоқ»- гирдоваранда Шайх Абдулқодир Кароматуллоҳи Саббоқ, «Тазкираи шоирони Хуҷанд»-и Эргашалӣ Шодиев, «Ёди ёри меҳрубон»-и Мирзо Муллоаҳмад, «Тазкираи шуарои Хуҷанд»-и Абдулманнони Насриддин, «Тазкираи Андарунӣ»-и Бунафша Ҳиҷозӣ, девони шоирон ва баёзҳо, осори адабӣ ва илмии марбут ба мавзуъ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Дар рисола бори нахуст масъалаи поэтикаи ашъори шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд, идомаи анъанаҳои шеъри классикии форсӣ, аз ҷумла, бедилгароӣ, назирагӯӣ, иҷтимоъгароӣ, дарёфти падидаҳои «шеъри нав», корбурди васеи саноеи бадеӣ ва баррасии ҷараёни адабиёти дузабона, бо диду назари нав дар назми доираи адабии Хуҷанд мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Баъди шарҳи мухтавои рисола саволу ҷавоб ва бахши муҳокима оғоз гардид.

**1. Савол.** Тоҷибоев Ш.: Фарқи ҳавзаи адабӣ аз доираи адабӣ дар чист ва сабаби «ҳавзаи адабӣ» интихоб кардани шумо дар унвони рисола?

**Ҷавоб:** Маълум аст, ки Хуҷанд аз дергоҳи таърих зодгоҳ ва маркази парвариши аҳли илму адаб ба шумор рафта, ҳамчун яке аз марокизи муътабари адабиву фарҳангӣ шуҳратёр буд. Устод Абдулманнони

Насриддин дар муқаддимаи китоби «Тазкираи шуарои Хуҷанд» навиштаанд, ки «Хуҷанд шаҳрест қадимиву маъруф ва дар сарзамини Мовароуннаҳр, маркази илму адаб ва тамаддун, хостгоҳи донишмандон ва сухансароёни соҳибзавқ, ки таърихи бештар аз дуҳазору панҷсадсола дорад». Истифодаи таъбирҳои «маркази илму адаб ва тамаддун, хостгоҳи донишмандон ва сухансароёни соҳибзавқ», ки дар аксари сарчашмаҳои адабиву таърихӣ ҳам ибораҳое инчунин нисбат ба Хуҷанд истифода шудааст, ба мо имконият медиҳад, ки бо такя бар вуҷуди мубораки чунин донишмандон ва сухансароён дар ин шаҳр онро чун ҳавзаи муқтадири илмиву адабӣ қабул фармоем.

**2. Савол.** Тоҷибоев Ш.: Дар маснависароӣ кадом анъанаҳои маснависароиро шоирони мавриди назаратон идома доданд?

**Ҷавоб:** Маснавӣ дар давраи мавриди назари мо бо ҳифзи анъанаҳои маснависароӣ (таълифи маснавиҳои ахлоқӣ, иҷтимоӣ) рушд дошт.

Намунаи беҳтарини маснавиҳои давраи мавриди назар маснавиҳои «Миръоти ибрат», «Анҷумани арвоҳ»-и Аҷзӣ ва «Тимсол»-и Асирӣ, «Хоб дидани Файёз Фирдавсиро», маснавиҳои Шӯхӣ ва монанди ин мебошад, ки аз лиҳози сабку услуб, мавзуъву мундариҷа ва банду баст дар ташаккул, таҷаддуд ва ифодаи ғояҳои маорифпарварӣ ва ахлоқии шоирон мавқеи муҳим дорад.

**3. Савол.** Мирзоев С.: Аз шоирони мавриди назаратон кадоме аз онҳо дар пайравии Бедил муваффақ шуданд?

**Ҷавоб:** Аз сабаби он ки дар давраи мавриди назар шуаро асосан ба ду сабк – ҳиндӣ ва ироқӣ пайравӣ доштанд, бинобар ин дар ашъори онҳо падидаҳои гуногунсабкӣ дида мешавад. Аз шоирони мавриди назар осори Шӯхӣ, Асирӣ, Файёз, Қамбархону Муаззама баъзе аз унсурҳои сабки бедилӣ таҷассум ёфтаанд.

**4. Савол.** Ӯрунова М.: Поэтикаи ашъори суханварони ҳавза гуфта чиро дар назар доред?

**Ҷавоб:** Дар боби сеюм, ки ба поэтикаи ашъори суханварони ҳавзаи адабии Хуҷанди давраи мавриди назар бахшида шудааст, масъалаҳои

таъсирпазирии шуаро аз сабки Бедил ва дигар намояндаҳои ин сабк, бозгашти адабӣ ва истиқболи шуаро аз он, корбурди саноеи бадеӣ баррасӣ шудаанд.

**5. Савол**. Азизов Сорбон: Сабаби бо баҳрҳои ҳазаҷ ва рамал эҷод кардани шуаро шеъри худро?

**Ҷавоб:** Шоирон дар эҷоди ғазал бештар вазнҳои ҳазаҷи мусаммани солим ва рамали мусаммани маҳзуфро истифода бурдаанд. Мувофиқи шумораи рукнҳо ва ҳиҷоҳои кӯтоҳу дарози худ ин вазнҳоро дар вазншиносӣ авзони дароз мегӯянд. Усмон Каримов вобаста ба шумораи рукнҳо ва авзони ғазал аз пажуҳиши доктор Парвиз Нотиқи Хонларӣ «Таҳқиқи интиқодӣ дар арӯзи форсӣ ва чигунагии авзони ғазал» истифода намудааст, ки мувофиқи он дар асрҳои XVIII ва нимаи аввали асри XIX вобаста ба вазъияти иҷтимоию сиёсӣ вазнҳои дароз нисбати вазнҳои миёна ва кӯтоҳ ривоҷ ёфта буд.

Ҳамчунин муҳаққиқи номбурда омил ва сабабҳои ривоҷу пастравии вазнҳои маъмули ғазалро ба ҷуз ба ҳисоб гирифтани таъсири вазъияти иҷтимоию сиёсӣ дар «қонуни диалектикӣ ва объективии жанри ғазал, умри истеъмолёбии он, табиату завқи шоири ғазалсаро, хусусияти сабкҳо ва таъсири мутақобилаи мусиқию ғазал» пиндоштааст, мо низ бо қабул менамоем. Намуна аз Маъюси Хуҷандӣ:

*Дил ба ҳар маҳ/ фил, ки з-он бут/ шиквае сар/ мекунад,*
*Гӯши арбо/ би вафоро/ ҳалқаи дар/ мекунад.*

Шеъри мазкур дар баҳри рамали мусаммани маҳзуф таълиф ёфтааст.

**6. Савол.** Ҳоҷиев А.: Дар ҷараёни таълифи рисола аз кадом усулҳо истифода бурдед?

**Ҷавоб:** Дар ҷараёни нигориши рисола равиши муқоисавӣ-таҳлилӣ ба кор рафта, ҳамзамон, усулҳои оморӣ ва тавсифӣ низ мавриди истифода қарор гирифтааст.

**7. Савол.** Мирзоев С.: Чаро бонувони суханвар алоҳида фасл шуд?

**Ҷавоб:** Дар охирҳои асри XVIII то ибтидои асри XX дар шаҳри Хуҷанд дар канори дигар шаҳрҳои Фароруд нуфузи суханварон низ

бештар гардид, ки дар ин миён ҷойгоҳи бонувонро метавон ба таври махсус таъкид намуд, зеро дар асрҳои мавриди назар теъдоди зиёди бонувони сухангустар аз тамоми адвори пешин имтиёз дорад.

Баъди анҷом ёфтани қисмати саволу ҷавоб муҳокимаи рисола оғоз гардид. Рисола аз ҷониби доктори илми филология Тоҷибой Султонзода ва дотсентон Садриддин Мирзоев, Мавҷуда Ӯрунова хонда шуда, ҳар яке фикру андешаҳои хешро дар робита ба диссертатсияи докторант Ҳомидова Ш.М. иброз доштанд.

**I. д.и.ф. Тоҷибой Султонӣ** зикр кард, ки диссертатсия мувофиқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо услуби илмӣ таълиф ёфтааст, ки яке аз дастовардҳои муаллифи рисола ба ҳисоб меравад.

Пешниҳоду эродҳо:

1. Ҳаллу фасли бобҳо бояд натиҷагирӣ (хулоса) карда шавад;
2. Муқаддима тақвият бахшида шавад;
3. Истифода ҳавзаи адабии Хуҷанд дар номи рисола ва матни он бознигарӣ мехоҳад;
4. Дар боби 2-юм баррасии таърихи пайдоиши жанрҳои адабӣ (ғазал, рубоӣ, мустазод ва ғ.)-ро зикр кардан зарур нест;
5. Дар феҳристи адабиёт баъзе китобҳое оварда шудаанд, ки ба асли мавзуъ дахл надоранд;

5. Дар рисола корҳои илмии олимони ӯзбек, аз ҷумла, Азиз Қаюмов «Қӯқон адабий муҳити» истифода бурда нашудааст.

**II. дотсент Садриддин Мирзоев** таъкид намуд, ки рисоларо бо таваҷҷуҳи зиёд хонда ва аҳаммияти рисолаи мазкурро дар нуктаҳои зерин мебинад:

1. Яке аз беҳтарин корҳое, ки дар вақтҳои охир нисбати корҳои дигар камхатост.

2. Муқаддима зебо, тибқи талаботи КОА навишта шудааст.

3. Рӯйхати адабиёт ҷавобгӯ ба мутобиқи таъмини рисолаҳои илмӣ мебошад.

3. Сабки навишт муносиб, масъалагузорӣ, овардани аснод ва тартиби он ба ҷо, ҷумлаҳои кутаҳ ва фаҳмо дараҷаи мутолиаи васеи муаллиф ва фазилати кори ӯст.

Пешниҳоду эродҳо:

1. Дар саҳифаи 9 ғалат баргардон кардани соли ҳиҷрӣ ба мелодӣ;
2. Ғалат хондани матн дар саҳифаҳои кор нишон дода шудааст;
3. Ғалатҳои услубӣ, имлоӣ дида мешаванд, ки дар саҳифаҳои рисола ишорат шудаанд.
4. Баъзе сарчашмаҳо – С.Асадуллоев, Л.Бойматов, С.Хӯҷақулов тавсия дода мешавад.

**III. дотсент Мавҷуда Ӯрунова** арзиши диссертатсияро мусбӣ арзёбӣ намуда, ҳамчунин андешаҳои худро дар мавриди камбудиҳои рисола изҳор дошт:

1 Поэтикаи ашъори суханварон таҷдиди назар мехоҳад;

2. Корбурди баъзе калима ва ибораҳои куҳнашуда: водии Қурама, даврони феодалӣ, таассуби динӣ ва монанди ин ба назар мерасад;

3. Баъзе ғалатҳо дар ҳошияи рисола нишон дода шудаанд, ки бояд онҳо ислоҳ шаванд.

Хулоса, кор баъд аз бознигарӣ ва ислоҳи камбудиҳо ба муҳокимаи навбатӣ пешниҳод карда шавад.

Баъди натиҷагирӣ аз қисмати муҳокимаи рисолаи илмии докторант Ҳомидова Ш.М. ва бо назардошти фикру андешаҳои баёнгардида қарори ҷаласа ба тавсиб расид.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Ҳомидова Ш. дар мавзуи «Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ) ба талаботи пешгузоштаи комиссия ҷавобгӯй ҳисобида шавад;

2. Бо назардошти ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта ба марҳилаи дуюми муассиса – ҷаласаи шурои олимони факултет пешниҳод карда шавад.

**Мудири кафедраи адабиёти классикии тоҷики факултети филологияи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» номзади илми филология, дотсент:** **Ӯрунова М.Р.**
**Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, хиёбони И.Сомонӣ 52.**
**Тел: +(992)927360251**
**E-mail: umavchuda@mail.ru**

**Котиби ҷаласа номзади илми филология, дотсент:** **Бобоева М.С.**

**Имзои Ӯрунова М.Р. ва Бобоева М.С.-ро тасдиқ мекунам**
**Сардори Раёсати кадрҳои МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров»:** **Наврӯзов Э.М.**
**Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.**
**тел:+(992) 900420202**
**E-mail: n.ehson@mail.ru**